*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-020*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод Саидмурод ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Васоити ахбори омма аз омилҳои муҳимтарини инъикосгари воқеияти зиндагӣ ва ташаккулдиҳандаи афкори иҷтимоӣ буда, дар ҳар давру замон на танҳо ба ҳисси ватандорӣ, худшиносиву ифтихори миллӣ мусоидат кардааст, балки батадриҷ халқи моро ба пояҳои худогоҳӣ расондааст. Ин чунин маъно дорад, ки алоқаҳои телефонӣ ва электронии мизоҷ имкон медиҳанд, то нуқтаи охирин перомуни хислати истеъмолбарандагони мол ва одатҳои дар вақти харид содиркардаи онҳо дақиқ матраҳ гардад. Ин, дар навбати худ, барои рушди стратегияи самараноки коммуникатсионӣ замина мегузорад.

Сабаби таъсиси ВАО-и корпоративӣ – ин ташкили гуфтугӯи ошкоро бо мизоҷон, таъмини саҳеҳияти иттилооти паҳншуда, кам кардани хароҷот барои чорабиниҳои рекламавӣ, тобовар будан ба рақобати бозор ва ҳамоҳанг сохтани мақсаду мароми худ бо мақсаду мароми ҷомеаи тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Ба таъкиди муаллифи диссертатсия, ВАО-и корпоративӣ гуфта метавон ҳамаи навъи нашрияҳоро ном бурд, ки аз тарафи ин ё он ширкат бо мақсади тарғиби молу маҳсулоти худ (реклама) ва ё ҳадафҳои ба ин монанд интишор ва нашру паҳн карда мешаванд. Вазифаи умдаи онҳо мусоидат ҷиҳати коркарди меъёрҳои дохиликорпоративӣ ва фаҳмонидани ҳадафҳои асосии корхона ба дигарон аст. Ин ВАО барои ба ҳам омадани фарҳанги ягонаи дохилӣ ва меъёрҳои баланди корӣ дар ширкат метавонад саҳми бориз дошта бошад.

Аз ин лиҳоз, мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст, бебаҳс мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ба таври зарурӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор

нагирифтаанд. Ин омил чанд сабаб дорад. Дар аксар маврид ин матбуот дар кишвари мо – як навъ хусусияти матбуоти пӯшидаро мегирад, ки дар дохили коргоҳ чоп ва паҳн шуда, ба хонандагони беруна дастрас намешавад ва ин албатта, ҷиҳати омӯзиши муназзами онҳо мушкилот эҷод мекунад.

Таҳқиқи Ҳамидиён И.И. дақиқ намуд, ки ВАО-и корпоративӣ метавонад ба сифати асбоби идоракунии ширкат баромад намояд. Таъйинот ва махсусияти ВАО-и корпоративӣ ба самти фаъолияти корхонаи идоракунанда вобастагии калон дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори муосири ВАО-и корпоративии Тоҷикистон пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ин, пеш аз ҳама, сабаби заифии кори редаксияҳо ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии ВАО-и корпоративӣ кӯмак барои бунёди фарҳанги корпоративӣ; бо иттилоъ таъмин намудани кормандон, мизоҷон, саҳҳомон; суҳбати озоду ошкоро миёни роҳбарият ва зердастон; муттаҳидии кормандон; ивазкунии таҷрибаи пешқадам; имкон додан ба кормандон ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои худ; сохтани таассуроти мусбат дар назди коллектив оид ба роҳбарияти корхона; кӯмак дар рақобати солим; вазифаҳои психологӣ-терапевтӣ, фароғатӣ ва ғайраҳо.

Метавон бо хулосаи довталаби дараҷаи илмӣ розӣ шуд – ВАО-и корпоративӣ механизми нимфунксионалие ҳастанд, ки вазифаи асосиашон мусоидат кардан ҷиҳати коркарди қоидаҳои барои ҳамаи кормандон якнавохт ва фалсафаи соҳавӣ иборат аст. Кормандони қаторӣ бояд перомуни ҳадафҳои корхонаи худ маълумоте дошта бошанд. Ин як қисми фарҳанги дохилии соҳавӣ – аз як ҷониб ва роҳи пешбурди чорабиниҳои тарғиботӣ (рекламавӣ) – аз ҷониби дигар мебошад.

Баррасии мавзуъ дар доираи кори диссертатсионии Ҳамидиён И.И.-ро ба хулоса меорад, ки сарфи назар аз афзоиши миқдории ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон, тайи чанд даҳсолаи охир рушди сифатии ин бахш ба тақвият ниёз дорад. Ба ибораи дигар, бозори ВАО-и корпоративии Тоҷикистон иттилооти босифат, таҳлили касбӣ ва технологияҳои пешрафта надорад ва он мушкилоти ҷиддии кадриро имрӯз аз сар мегузаронад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия дар шароити муосир мубрам мебошад ва барои илми журналистикаи ватанӣ актуалӣ аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Корпоратсияҳо имрӯз дар татбиқи усулҳои нави пешбурди тиҷорати худ иқдом гирифта, истифодаи почтаи электронӣ барои тамос бо шарикон ё мизоҷон ва ҷустуҷӯи маълумотро дар бораи рақибони худ шакл медиҳанд. Фаъол намудани

мағозаи онлайнӣ ва ё системаи тиҷоратӣ дар муҳити интернетӣ рӯз то рӯз афзалият пайдо мекунад.

Дархости корти бонкӣ, қарзи истеъмолӣ ва кушодани пасандоз аз ҷумлаи хизматрасониҳои маъмули бонкӣ දониста мешавад. Мавҷудияти ВАО-и корпоративӣ ва махсусан сомонаи он ба ширкат илова ба хидматҳои иртиботии қаблан мавҷудбуда имкониятҳои иловагиро фароҳам меорад. Омили муҳим он аст, ки ҳоло ширкат метавонад ба корбарон хидматҳои иловагӣ пешкаш намояд: маълумот дар бораи фаъолияти худ, хизматрасониҳои пеш аз фурӯш ва пас аз фурӯш ва фурӯши молу хидматҳоро пешкаш намояд. Илова бар ин, довталаби дараҷаи илмӣ иброз медорад, ки дар бораи муроҷиаткунандагон ба ВАО-и корпоративӣ метавонад ба низоми иттилоотию таҳлилии ташкилот ворид карда шуда, ба беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ мусоидат намояд.

Ҷолиб аст, ки Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро таҳқиқ карда, таҷрибаи нашри маҷаллаҳои бортӣ дар мамлакатро таҳлил менамояд.

Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ мафкурасоз ҳастанд. Махсусан, назарияи он, ки ба нақши расонаҳои корпоративӣ дар ташаккули имиҷи ширкат бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд, нигоҳи наверо дар ин самт роҳандозӣ мекунад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар диссертатсияи Ҳамидиён И. И. асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз лиҳози илмӣ собитшуда ҳастанд.

Корхонаҳои муосири тиҷоратӣ бо низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва робита бо ҷомеа алоқаманд ҳастанд. Фаъолияти онҳо ба манфиатҳои миллӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ мувофиқ гардонида шуда, дар ниҳоят, ҷиҳати ташаккули бренди ширкат нақши муҳимме мебозанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муколамаи созанда бо ҷомеа як навъ фазои солим эҷод намуда, ба таҳкими муносибатҳои дарозмуддат, таъмини мавқеи устувор дар бозор ва баланд бардоштани даромаднокии тиҷорат мусоидат мекунад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми журналистикаи ватанӣ ҷанбаҳои амалӣ ва талаботи умда оид ба нашр ва паҳни ВАО-и корпоративӣ ҷамъоварӣ гардида, роҳҳои таҳияи меъёрҳои баҳодиҳӣ нишон дода шудааст.

Маводи кори диссертатсиониро барои таълими асосҳои назариявӣ ва амалии ВАО-и корпоративӣ дар мактабҳои олӣ ва низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи журналистика истифода бурдан мумкин аст.

Дар 11 тавсияи худ муаллифи диссертатсия нуктаҳои ҷолиброманзур месозад. Аз ҷумла, ташкили ҷоизаи солонаи «Беҳтарин ВАО-и корпоративии Тоҷикистон». Диссертант чунин мешуморад, ки муайян кардани беҳтаринҳо ҷанбаи муҳимми ҳамкорӣ бо ВАО мебошад. Зарур аст, ки дар оянда одамон ва таҷрибаи пешкадамро ташвиқ ва таблиғ кунем. Натиҷаҳо бояд дар вебсайти корпоративӣ ҷойгир шаванд, то мутахассисон ва мизоҷони эҳтимолӣ бо дастовардҳо шинос гарданд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 700 номгӯйро фаро мегирад.

Боби якум «Пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» унвон гирифта, дар он масъалаҳои заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ, омилҳои типологии ташаккули матбуоти корпоративӣ ва марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо таҳқиқ мешаванд.

Боби дуюм «Таҷрибаи интишори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, дар се фасли он масъалаҳои ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият, реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ва ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюм «Мавзуъ ва жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» ном дошта, дар он навъҳои жанрҳои ВАО-и корпоративӣ, нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат ва сомонаҳои корпоративӣ – воситаи муассири менеҷмент ва маркетинг таҳлил шудаанд.

Боби чаҳоруми диссертатсия «Мавқеъ ва дурнамои воситаҳои корпоративии муосир дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» буда, дар зербобҳои он вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ, маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун навъи ВАО-и корпоративӣ ва нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ таҳқиқ мегардад.

Дар хулоса аз диссертатсия дуруст натиҷагирӣ шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳқиқи ин масъала дар маҷмуъ солҳои зиёд сипарӣ карда, 4 монография, 36 мақолаи чопӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор намудааст. Ҳамзамон, мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ, ҷомеашиносӣ ва менеҷменту маркетинг бевосита алоқамандии амиқ дорад. Таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2015 ва 2015-2020 маҳсуб меёфт. Диссертатсияи Ҳамидиён И.И. як намунаи хуби таҳлил ва таҳқиқи соҳавӣ буда, барасмиятдарории он низ қобили таваҷҷуҳ аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ин дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҳам мушоҳида гардиданд:

1. Диссертатсия «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» унвон гирифтааст. Бо назари мо, агар он ба гунаи «Мақоми нашрияҳои корпоративии Тоҷикистон дар низоми ВЭАО-и замони истиқлол: таърих, вазъ ва дурнамо» таҳрир мегардид, возеҳтар мебуд.
2. Дар мубрамияти мавзуъ овардани ҷузъиёти масъала чандон роиҷ нест. Ҳамзамон, иқтибос аз суханронии Президенти мамлакат ба мубрамияти мавзуи мавриди назар беиртибот аст (саҳ.6). Мубрамияти мавзуъ бояд бо ҷумлаҳои ҷамъбасткунандаи фикр ифода гардад.
3. Муаллиф дар «Дараҷаи омӯзиши мавзуъ» адабиётро ба се гурӯҳ – соҳавӣ, рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои илмиву оммавӣ гурӯҳбандӣ намудааст, ки хуб аст. Ҳамзамон, асарҳои зиёде номбар мешаванд, вале оид ба муҳтавои онҳо маълумоти кам оварда шудааст.
4. Дар боби якум «Заинаҳои пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» оид ба нашрияҳои соҳавӣ сухан меравад, лекин заминаҳои пайдоиши онҳо ба шакли тезис оварда нашудааст (саҳ.22-28).

5. Баҳсҳо дар матбуоти корпоративӣ атрофи алифбои тоҷикӣ байни Ҳаким Карим ва Зеҳниро аз навгонии рисола баршуморидан ҷойиз аст, ба назари мо, агар чунин баҳсҳо дар бобҳои дигари рисола бештар мавқеъ касб мекарданд, ҷанбаи илмии он боз ҳам меафзуд (саҳ.29-30). Ҷанбаи миллии фасли сеюми боби мазкур, ки «Марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии раванди демократӣ дар онҳо» унвон дорад, тақвият мехоҳад (саҳ.80-112).
6. Боби дуюм «Таҷрибаи интишороти ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» аз лиҳозхи масъалагузорӣ, таҳлил, муқоиса ва натиҷагирӣ яке аз бобҳои қавии диссертатсия аст, мавқеи диссертант равшан ва устувор ба назар мерасад, назари бархе аз муҳаққиқон оид ба матбуоти корпоративӣ ҳамон матбуоти бисёртиража аст, аз ҷониби муҳаққиқ бо далелҳои қотеъ рад карда мешавад (саҳ. 150). Камбудии боб ин аст, ки хулоса дар чор банд гурӯҳбандӣ шуда, банди чаҳорум хислати пешниҳодро ба худ касб намудааст (саҳ. 178).
7. Дар рисола, кам ҳам бошад, камбудиҳои имлоӣ, амсоли «дар бар» шакли дурусташ мутобиқи имлои нав «дарбар» (саҳ.10), «маърӯза» шакли дурусташ мутобиқи имлои нав «маъруза» (саҳ.20) ва иштибоҳи техникӣ, амсоли Туракул Зезнӣ шакли дурусташ Туракул Зеҳнӣ (саҳ. 29) дида мешаванд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ надоранд, зеро диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро ба пуррагӣ иҷро намудааст.

Диссертатсия ва автореферати диссертатсия, гузоришу мақолаҳои илмии Ҳамидиён И. И. муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз маҳорати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Тақризи мазкур тибқи талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода шуд.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Хоҷазод С.**
«17» феврали соли 2025

*Суроға:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Толстой, хонаи № 25
*Тамос:* (+992) 93-855-52-99
*E-mail:* saidmurod1970@bk.ru

*«Имзои д.и.филол., профессор С.Хоҷазодро тасдиқ мекунам»*
**Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**
«17» феврали соли 2025

*Суроға:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
*Тамос:* (+992 37) 224-13-83
*Сомона:* https://www.tgpu.tj/